**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 6**

**аз 25 июни соли 2004** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 30 июни соли 2011 №4 ворид карда шудаанд)***

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат додааст. Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ дар Кодекси Граждании (минбаъд КГ) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд.

Соҳибкории ғайриқонунӣ барои гирифтани даромади беназорат имконият фароҳам оварда, манфиатҳои давлат, пеш аз ҳама манфиатҳои молиявии он ва ҳамчунин тартиби муқарраргардидаи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро, ки ба ҳифзи манфиатҳои ҳам ҷамъият ва ҳам шаҳрвандон равона шудааст, халалдор месозад.

Омӯзиши таҷрибаи судӣ нишон дод, ки судҳо асосан татбиқи дурусти қонунро ҳангоми ҳалли парвандаҳои ин категория таъмин менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар фаъолияти судҳо ба иртиботи банду басти соҳибкории ғайриқонунӣ, ҷудо намудани он аз дигар кирдорҳои ҷиноятркорона, нопурра таҳқиқ намудани ҳолатҳои кор, хатогиҳо ҷой доранд ва ҳамчунин дар муайян намудани субъекти ин ҷиноят ва дар масъалаҳои рӯёнидани зарари аз ин ҷиноят расонидашуда ягонагӣ вуҷуд надорад ва барои муқаррар намудани сабаб ва шароити содир гардидани ин қабил ҷиноятҳо ва андешидани чораҳо барои бартараф намудани онҳо на ҳама вақт диққат дода мешавад.

Дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Диққати судҳо ба он равона карда шавад, ки давлат соҳибкориро датстгирӣ ва ташвиқ намуда, дар баробари ин бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва манофеъи қонунии шаҳрвандон, дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, манфиатҳои ҷамъият ва давлат барои риояи тартиби муқарраргардидаи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ба тарзи муайян назорат менамояд. Хавфнокии ҷамъиятии соҳибкории ғайриқонунӣ иборат аз он аст, ки чунин шаклҳои фаъолият маъмулан аз доираи назорати давлат баромада, амалан ба доираи иқтисодиёти ғайриқонунӣ (пинҳонӣ) мегузаранд.

2. Ба судҳо фаҳмонида шавад, ки таҳти мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти нисбат ба худ таваккалан амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои корҳо ё расонидани хизмат равона шудааст, фаҳмида мешавад.

Ба фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд шаҳрвандон (шахсони воқеӣ) бидуни таъсис додани шахсони ҳуқуқӣ, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ) ба қайд гирифта шудаанд, машғул шаванд.

Фаъолияти соҳибкорӣ бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ бояд мувофиқи тартибе, ки бо «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 муайян шудааст, дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш, таъсисёфта дониста мешавад.

Шаҳрвандоне, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, дар асоси патенти харидаашон амал мекунанд. Патент ҳамзамон шаҳодатномаи оиди ба сифати соҳибкор ба қайди давлатӣ гирифта шудани шаҳрванд мебошад, ки барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории дар патент пешбинигардида ҳуқуқ медиҳад (моддаи 24 банди 5 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Бояд дар назар дошт, ки мувофиқи моддаи 24 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони зерине, ки фаъолияти соҳибкории зайлро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз бақайдгирии давлатӣ озод карда мешаванд:

а) шаҳрвандоне, ки дар ҳайати хоҷагии деҳқони фермерӣ фаъолият доранд;

б) шаҳрвандоне, ки дар асоси шартномаи пудрат ва шартномаҳои дигари ҳуқуқӣ-гражданӣ корҳои якдафъинаро анҷом медиҳанд;

в) шаҳрвандоне, ки дар баробари шабакаи савдои яклухту чакана бо фурӯши молу мулки ба онҳо тааллуқдошта, инчунин маҳсулоти истеҳсолӣ, коркардашуда, харидашуда, аз ҷумла молҳои саноатию истеҳсолии воридотӣ, дар ҷойҳои махсус барои ин мақсад ҷудогардида ё аз тариқи мағозаҳои комиссионӣ машғуланд;

г) шаҳрвандоне, ки даромади аз анҷоми кор ва хизматрасонӣ ба дастовардаашон соле аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд нест.

3. Тарафи объективии соҳибкории ғайриқонунӣ дар содир намудани ҳаракатҳои алтернативии зерин ифода меёбад:

а) ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ;

б) ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар сурате, ки чунин иҷозат ҳатмӣ мебошад;

в) ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ;

г) машғул шудан ба намудҳои манъгардидаи фаъолияти соҳибкорӣ.

Фаъолияти соҳибкорие, ки дар вақти ба суд шикоят кардан оиди қарор дар бораи рад кардани бақайдгирӣ ба амал бароварда мешавад, инчунин давом додани фаъолияти соҳибкорӣ бархилофи ҳалномаи суд дар бораи аз эътибор соқит донистани қайди давлатии корхона (соҳибкор), низ бояд чун соҳибкории ғайриқонунӣ фаҳмида шавад.

4. Ба амал баровардани созишҳои якдаъфаина (тасодуфӣ) оиди хариду-фурӯши молҳо, иҷро кардани корҳо ё хизмат расонидан, агар ҳатто маблағи даромади бадастовардашуда дар ин маврид ба миқдори калон бошад ҳам, фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб намеравад, зеро фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахс мунтазам содир намудани ҳаракатҳое, ки бо ҳадафи ягонаи муайян якҷоя гардидаанду барои гирифтани даромад дар натиҷаи боподош қонеъ намудани талаботҳои шахсони дигар дар бадали хизматҳо, молу мулк, молу мулки пешниҳодшуда равона шудаанд, эътироф мешавад.

5. Таҳти мафҳуми бидуни бақайдгирӣ ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ ҳолатҳое фаҳмида мешаванд, ки агар шахс:

а) бе ба даст овардани мақоми соҳибкор, дар сурате, ки чунин мақом фақат бо роҳи бақайдгирии давлатӣ ба даст оварда мешавад, ба чунин фаъолият машғул шавад;

б) вақте, ки шахс барои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ҳуҷҷат пешниҳод намуда, қабул карда шудани қарорро интизор нашуда, ба он машғул шуда бошад;

в) вақте, ки шахс барои бақайдгирии давлатӣ раднома (қонунӣ ё ғайриқонунӣ) гирифтаасту лекин бо вуҷуди ин фаъолитяи соҳибкориашро давом дода бошад.

6. Барои машғул шудан ба баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ғайр аз бақайдгирии ҳатмии он доштани иҷозатнома (иҷозати махсусе, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ онро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додааст) барои амалӣ намудани онҳо зарур мебошад, ки он ба мӯҳлати мушаххас дода шуда, шарту талаботҳои муайянро муқаррар мекунад, ки ҳангоми амалӣ гардонидани онҳо бояд риоя карда шаванд. Феҳрист ва феҳристи махсуси намудҳои иҷозатдодашавандаи фаъолият ва тартиби ба онҳо додани иҷозатнома бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи

соли 2004 муқаррар карда мешавад.

7. Амалӣ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ бе иҷозатнома дар мавриде ҷой дошта метавонад, ки агар:

а) шахс ба мақомоти иҷозатномадиҳанда барои иҷозатномаи мувофиқ муроҷиат накарда ба фаъолияте машғул гардида бошад, ки иҷозатнома доштанро талаб мекунад;

б) фаъолият пас аз додани ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома, лекин то қабул гардидани қарор оиди он, баъд аз гирифтани қарори мақомоти иҷозатномадиҳанда дар бораи рад намудани додани иҷозатнома, аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда боздоштани амали иҷозатнома, аз эътибор соқит кардани он аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда ё бо ҳалномаи суд дар асоси аризаи мақомоти иҷозатномадиҳанда ё ин ки бинобар гузаштани мӯҳлати амали иҷозатнома, анҷом дода шуда бошад;

в) дар як вақт чандин намудҳои фаъолияте ба амал бароварда шаванд, ки аз рӯи хусусият ва мазмун ба ҳам наздик мебошанд, гарчанде ки танҳо ба яке аз онҳо иҷозатнома вуҷуд дошта бошад;

г) фаъолият бо иҷозатномаи ба дигар шахс ё ташкилот тааллуқдошта, амалӣ гардида бошад.

8. Ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ бо вайрон намудани шартҳои иҷозатномадиҳӣ мумкин аст, аз ҷумла, дар амалӣ гардидани фаъолияти дар иҷозатнома нишондодашуда, вале бо вайрон намудани тартиб ва шартҳои амалӣ намудани он, машғул шудан ба соҳибкорӣ на дар маҳал ё дар ҷое, ки ба ин иҷозат дода шудааст (масалан: фурӯши машруботҳои алкоголӣ дар муассисаҳои бачагона, таълимӣ, маданӣ ва муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ ва дар ҳудудҳои ҳамшафати онҳо ё бе сертификати муносиб ва маркаҳои пардохти аксизӣ), на дар он вақте ки дар иҷозатнома дарҷ ёфтааст, бе таҷҳизот ва ё техникаи муносиб (масалан, таҷҳизоти санитарӣ ё оташнишонӣ, дастгоҳи кассавӣ, асбобҳои вазнченкунӣ) ифода ёбад.

9. Машғул шудан ба намудҳои мамнӯъи фаъолияти соҳибкорӣ ҳаминро мефаҳмонад, ки:

а) шахс чунин фаъолиятеро амалӣ месозад, ки нисбати вай мамнӯъияти бевосита бо нишон додани он дар санади қонунгузорӣ вуҷуд дорад;

б) амалӣ намудани он танҳо ба доираи муайяни субъектҳо иҷозат дода шудааст.

10. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои соҳибкории ғайриқонунӣ танҳо ба шарте фаро мерасад, ки агар он боиси ба вуҷуд омадани як ё якчанд оқибатҳои зерин гардад:

а) ба даст овардани даромад ба миқдори калон;

б) расонидани зарар ба миқдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат.

11. Таҳти мафҳуми даромад фоидае, ки аз ҷониби гунаҳгоре, ки фаъолияти соҳибкории ғайриқонуниро амалӣ месозад, гирифта шудааст, фаҳмида мешавад.

Ҳангоми муайян кардани андозаи даромад аз соҳибкории ғайриқонунӣ бояд маблағи пули фурӯши аз ин ё он фаъолият гирифтаи соҳибкор, лекин бо аз ҳисоб баровардани хароҷотҳои кардаи вай дар рафти ин фаъолият, ба назар гирифта шавад.

Даромад ба миқдори калон дар ҳолате ҳисобида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 1000 маротиба ва даромади андозааш махсусан калон аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 2000 ҳазор маротиба зиёд бошад (қисми 1 эзоҳ ба моддаи 260 Кодекси ҷиноятии (минбаъд КҶ) Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Зарар ба миқдори калон дар мавриде ҳисобида мешавад, ки агар маблағи он мутобиқан ба шаҳрвандон аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 500, зарар ба ташкилотҳо ва давлат бошад, аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо1000 маротиба зиёд бошад. Ҳангоми муайян намудани андозаи зарар бояд ҳам зарари воқеъӣ ва ҳам фоидаи аздастрафта ба назар гирифта шаванд.

Аксар вақт ҳангоми соҳибкории ғайриқонунӣ зарар дар намуди нопурра гирифтани даромади лозимӣ (фоидаи аздастрафта) расонида мешавад, зеро чунин зарарҳо ба мазмуни таркибии зараре, ки дар моддаи 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, дохил мешаванд. Таҳти мафҳуми фоидаи аздастрафта бояд он маблағе, ки дар натиҷаи напардохтан

ҷиҳати бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ ва додани иҷозатномаи (литсензияи) махсус ва ғайра, ки аз тарафи давлат пурра гирифта нашудаасту мебоист ба буҷет гузаронида мешуд, фаҳмида шавад.

Ба зарари калон ҳамчунин бояд хароҷотҳои кардаи дигар корхонаҳо ва ташкилотҳо, фоидаи аздастрафта, ки дар натиҷаи бо шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифтанашуда ҳамкорӣ кардани онҳо (таъмин кардан бо маҳсулоти бадсифат ва моли бесифат ва ғайра) ба амал омадааст, мансуб дониста шавад.

Дар як вақт ба даст овардани даромад ба андозаи на он қадар калон ва расонидани зарари на он қадар калон, ки дар маҷмӯи умумӣ андозаи калонро ташкил медиҳанд, таркиби соҳибкории ғайриқонунии дар моддаи 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо ташкил намекунанд, зеро даромади калон ва зарари калон мафҳумҳои гуногуни ҳуқуқӣ буда, онҳоро ҷамъ намудан номумкин аст.

12.Таваҷҷуҳи мақомоти тафтиш ба он ҷалб карда шавад, ки бо назардошти хусусияти парвандаҳои категорияҳои мазкур, ба мақомоти тафтишӣ зарур аст, ки дар ҳар як маврид:

-маълумотномаи мақомоти андозро ба соҳибкори инфиродӣ ё ҳуҷҷати нотариусро дар бораи вуҷуд надоштани бақайдгирии соҳибкор бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, бо нишон додани арзиши хизматҳои анҷомдодашуда;

-агар фаъолият иҷозати махсусро тақозо намояд, дар ин маврид мактуби мақомот ё муассисаи дахлдори иҷозатдиҳанда оиди дар шахси гунаҳгор вуҷуд доштан ё надоштани иҷозатнома бо нишон додани арзиши иҷозатнома ва ҳамчунин маблағҳои оиди дода шудани он пардохтшаванда;

-маълумотномаи Бонки Миллӣ оиди қурби асъори хориҷӣ дар вақти содиркунии ҷиноят;

-санади меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар вақти содиркунии ҷиноят талаб карда шаванд ва инчунин далелҳо ва ҳисоббаробаркуниҳоеро, ки аз ҷониби гунаҳгор ба даст даровараа шудани даромадро ба миқдори калон ё расонидани зарарро ба миқдори калон тасдиқ месозанд, пешниҳод намоянд.

13. Ҳангоми дар кирдорҳои якчанд шахсон, ки дар соҳибкории ғайриқонунӣ иштирок кардаанд, муайян кардани ҷой доштани гурӯҳи муташаккил (қисми 2 моддаи 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) бояд муқаррароти умумӣ оиди шарикӣ, ки дар моддаи 35 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд, ҳамчунин мафҳуми гурӯҳи муташаккил, ки нишонаҳои он дар моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидаанд, ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Пеш аз ҳама чунин фаъолияти ҷинояткорона бояд бо иштироки якҷояи диддаю донистаи ду ё зиёда шахсони дар содир намудани ҳаракатҳое, ки ба амалӣ намудани ин ё он намуди фаъолияти соҳибкорӣ бе риоя намудани талаботҳои дар қонун нишондодашуда равона шудаанд, зоҳир гардад.

Ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил бояд дарк намоянд, ки фаъолияти шурӯънамудаашон оиди истеҳсоли молҳо ё фурӯши онҳо, ҳамчунин оиди расонидани ин ё он хизмат, бе бақайдгирӣ, бе иҷозатнома ё бо вайрон намудани шартҳои иҷозатномагирӣ амалӣ шуда истодааст ё нисбати чунин намуди фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ гардидани ин гуна ҳаракат бо қонун манъ карда шудааст. Ҳолати мазкурро дарк намуда истода, ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил мехоҳанд, ки чунин фаъолияташонро бо вайрон намудани талаботи муқарраргардида амалӣ намоянд. Онҳо ё бо қувваи умумӣ худи ҳамон як ҳаракатро содир мекунанд, ё ҳар кадоме аз онҳо дар ҷинояти содиршаванда мувофиқи тавоноиашон саҳм мегузорад. Ин маънои онро дорад, ки танҳо ҳаракатҳои ҳар кадоме аз шарикон натиҷаҳои муайяни ҷинояткорона ба бор меоваранд ва ин ҳаракатҳо ба таври умумӣ бо ҳаракати содиршудаи ба ҷамъият хавфнок алоқамандии сабабӣ доранд. Ҳаракати якҷояи машғул шудан ба соҳибкории ғайриқонунӣ боиси ба даст овардани даромади калон ё махсусан калон ва ғайраҳо мегардад.

14. Ҳангоми бо банди «в» қисми 2 моддаи 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст намудани ҳаракатҳои гунаҳгор ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки дар моддаи мазкур шахси қаблан судшуда шахсе дониста мешавад, ки барои ҷиноятҳои номбаршуда маҳкум шудааст, агар дар ин маврид мӯҳлатҳои бо қонуни ҷиноятӣ муқарраршудаи барҳам

хӯрдани доғи судӣ нагузашта бошанд ё доғи судӣ бардошта нашуда бошад.

Ба судҳо инчунин лозим аст дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи қисми 4 моддаи 15 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон доғи судии шахс барои ҷинояти содирнамудаи ӯ дар ҳудуди давлати хориҷӣ ё мамолики ИДМ набояд ҳангоми банду басти кирдори ин шахс барои ҷиноятҳои бо банди «в» қисми 2 моддаи 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, ки аз ҷониби ӯ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир гардидаанд, ба инобат гирифта шавад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Дар ҳолати ҷой доштани якчанд нишонаҳои дар қисми 2 моддаи 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳаракат бояд бо бандҳои мувофиқи қисми 2 моддаи мазкур банду баст карда шавад.

15. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирии давлатӣ ё бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) ё бо вайрон намудани шартҳои литсензиякунонӣ, ё манъи расмии чунин фаъолият, агар ин ҳаракатҳо ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат ба миқдори калон зарар нарасонида бошанд, ё ба гирифтани даромад ба миқдори калон иртибот надошта бошанд, дар ин ҳолат ин ҳаракатҳо боиси барои соҳибкории ғайриқонунӣ ба ҷавобгарӣ кашидан намешаванд. Дар ин ҳолатҳо шахси гунаҳгор бояд бо тартиби моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»» ва «(дар таҳрири Қонун аз 31 декабри соли 2008 таҳти №455)

Ғайриқонунӣ ба қайд гирифтани субъекти соҳибкорӣ, ҳамчунин ғайриқонунӣ додани иҷозатнома дар мавриди ҷой доштани нишонаҳои дар моддаи 314 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида таркиби сӯиистифода аз ваколатҳои мансабиро ташкил мекунад.

Агар аз ҷониби соҳибкор ҳамаи талаботҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим медароранд, риоя ва иҷро шуда бошанду вале бақайдгирии давлатии ӯ рад шуда бошад, ҳамчунин рад намудани додани иҷозатнома, ғайриқонунӣ мебошад ва таркиби ҷинояти дар моддаи 258 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо тишкил мекунад (масалан, рад намудан бо асосҳои номатлуб будани ташкил кардани он, ё набудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ нашудаанд ва ғайра).

16. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки мувофиқи қонун субъекти ҷиноят бо моддаи 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кадом шахси ба синни шонздаҳсолагӣ расида, ки бинобар аз ҷониби ӯ амалӣ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ ба ӯҳдаи вай бақайдгирӣ, гирифтани иҷозатнома (литсензия) ё риояи шартҳои литсензиякунонӣ, ҳамчунин машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ гузошта мешавад, шуда метавонад.

Кормандони кирояи ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон, ки дар соҳибкории ғайриқонунӣ иштирок доранд, барои ҷинояти мазкур, ба истиснои ҷой доштани ҳолатҳои маслиҳати пешакӣ, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд.

17. Ҳаракатҳои гунаҳгоре, ки бидуни бақайдгирӣ ё бе иҷозати махсус, ё ин ки бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ, бо мақсади саркашӣ аз пардохти андоз аз даромаде, ки дар натиҷаи чунин фаъолият ба даст оварда шудааст, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудааст, дар мавриди ҷой доштани асосҳо, бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳое, ки бо қисмҳои дахлдори моддаҳои 259, 293 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, банду баст карда шаванд.

18. Азбаски машғул шудан ба фаъолияти амалии тиббӣ ё хусусии дорусозӣ яке аз намудҳои соҳибкорӣ буда, барои ба даст овардани фоида равона гардидааст, дар ин маврид машғул шудан ба ин фаъолият бидуни бақайдгирии давлатӣ ва бидуни иҷозатнома, ки бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон ё миқдори махсусан калон ё ин ки расонидани зарар ба миқдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат, иртибот дорад, дар сурати вуҷуд надоштани зарар расонидан ба саломатии одам ё фаро-расии марг аз беэҳтиётӣ, бояд бо моддаи 259 Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

Аз тарафи шахсони маълумоти дахлдори тиббӣ ва дорусозӣ надошта ба ин намуди фаъолият машғул гардидан низ бояд бо ҳамин модда банду баст карда шавад.

Агар дар натиҷаи фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ аз беэҳтиётӣ ба саломатии ду ё бештар ҷабрдидагон зарар расонида шуда бошад, ҳамчунин дар ҳолатҳои ба амал омадани

марг, ҳамаи кирдор бояд барои маҷмӯи ҷиноятҳои бо моддаҳои 259 ва 209 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (истеҳсол, нигоҳ доштан, интиқол ё ба соҳибияти каси дигар додани мол маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасоние, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб намедиҳад) ё ин ки бо моддаи 210 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасевтӣ) пешбинигардида, дар ҳолати ба амал омадани оқибатҳои дар диспозитсияи моддаи 210 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бошад, барои маҷмӯи ҷиноятҳо, яъне бо моддаҳои 210 ва 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, банду баст карда шавад.

Агар соҳибкории ғайриқонунӣ бо тайёр намудану истифода бурдани ҳуҷҷат, мӯҳр ва штампҳои қалбакӣ иртибот дошта бошад, дар ин маврид кирдори гунаҳгор бояд иловатан бо моддаи 340 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ банду баст карда шавад.

19. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки даромади дар натиҷаи соҳибкории ғайриқонунӣ ба даст овардашуда, чун бойшавии беасос, бояд ба фоидаи давлат гузаронида шавад.

20. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки мувофиқи мазмуни моддаи 15 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон гардидаанд, метавонад ҷуброни пурраи зарари ба ӯ расонидашударо талаб намояд. Агар шахси вайрон кардаи ҳуқуқ дар натиҷаи ин даромад ба даст оварда бошад, дар ин маврид шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон гардидаанд, ҳақ дорад дар баробари зарарҳои дигар ҷуброн кардани фоидаи аздастрафтаро низ талаб намояд.

Масъала оиди ҷуброн намудани зарарҳои расонидашуда ва даромадҳои ғайриқонунӣ ба даст овардашуда бо тартиби пешбиникардаи моддаи 126 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

Дар ин маврид ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки зарар дар намуди напардохтани боҷи давлатӣ барои бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ ё ҷиҳати гирифтани иҷозатнома, рӯёнида намешавад, зеро шахси гунаҳгор барои содир намудани ҳаракатҳои дар боло зикргардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

21. Дар асоси моддаи 335 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд бояд дар ҳукм рӯёнидани зарари моддиро асоснок кунад ва нишон диҳад, ки бо кадом ҳаракатҳо зарар расонида шудааст ва ин бо кадом далелҳо тасдиқ мешавад, инчунин ҳисоббаробаркуниҳои мувофиқи андозаи зарарро оварад, қонунеро, ки дар асоси он даъвои гражданӣ ҳал карда шудааст, нишон диҳад.

22. Дар мавриди ҳал намудани масъалаи тақдири ашёи фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ судҳо бояд манбаи пайдоиши онҳоро ба асос гиранд, яъне ба эътибор гиранд, ки оё онҳо бо маблағҳои қонунӣ ё ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, оё онҳо дар муомилоти маҳдуд мебошанд ё барои фаъолияти соҳибкорӣ манъ карда шудаанд.

Ашёи аз шахси гунаҳгор ситонидашуда, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ манъ карда шудаанд, бояд ба фоидаи давлат гузаронида шаванд, ашёи зудвайроншаванда бошанд, бояд нест карда шаванд.

Ашёи соҳибкории ғайриқонуниро, ки бо маблағҳои қонунӣ ба даст оварда шудаанду моликияти шахсӣ мебошанд, аз рӯи қоида, ба фоидаи давлат гузаронидан мумкин нест.

23. Бо мақсади фардикунонии ҷазо, судҳоро лозим аст дар ҳар як ҳолат сабабҳои водоркунандаи содир намудани ҷиноят, вазъи моддии гунаҳгор, инчунин дигар ҳолатҳоеро, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат намудаанд, муайян кунанд.

24. Ба судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ лозим аст, ки серталабиро нисбат ба сифати аз ҷониби судҳои марҳилаҳои якум баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятии марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ пурзӯр намуда, хатогиҳои роҳдодашударо сари вақт ошкор ва бартараф намоянд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**